# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Комилова Камила Наврузовна дар мавзуи "Такмили стратегияи маркетингии рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар давраи муосир", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (маркетинг) пешниҳод шудааст

Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионии Комилова Камила Наврузовна дар мавзуи "Такмили стратегияи маркетингии рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар давраи муосир". Агар дар марҳилаи таъсиси низоми муосири бозорӣ бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон талабот ба маҳсулотҳои бонкӣ нисбат ба пешниҳоди онҳо ба муштариён хеле зиёд буд, бонкҳои тиҷоратӣ ба истифодаи технология ва воситаҳои маркетингӣ таваҷҷуҳи ночиз надоштанд. Дар шароити муосир вазъият дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ тадриҷан ва сифатан тағйир ёфт. Тамоюли гузариши модели фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ аз доираи "бозори фурӯшанда" ба "бозори харидор" мавқеи муштариёнро пурзур карда истодааст, бо назардошти таъсири маҷмуи сабабҳои объективӣ ва субъективӣ. Ба инобат нагирифтани ин тамоюл дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратии ватанӣ боиси паиҳам ба вазъияти буҳронӣ (солҳои 2008-2010 ва 2015-2018) дучор шудани низоми бонкии Тоҷикистон, маҳдуд шудани пойгоҳи захиравии бонкҳо, дастрасӣ ба сарчашмаҳои берунаи молиявӣ, маҳдудиятҳои сафарбарии пасандозҳои дохилӣ, мушкилоти пешниҳоди қарзҳо ва сармоягузориҳо ва таъсири манфӣ ба ҳолати молиявии муассисаҳои бонкӣ расонида, боиси паст шудани бозоргирӣ ва пардохтпазирии онҳо гаштаст.

Дар шароити муосир самти муҳимтарини тақвияти фаъолияти бонкҳои тиҷоратии ватанӣ ин такмили иқтидори идоракунии онҳо бо истифодаи стратегияи маркетингӣ барои таъмини устувории молиявӣ ва рақобатпазирии дарозмуддати онҳо мебошад. Дар ин робита, таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ-методологии стратегияи маркетингӣ, инчунин моҳияти

он, мақсаду вазифаҳо, принсипҳои ташкилӣ, тадқиқоти таҷрибаи ҷаҳонии истифодаи он дар бонкҳои тиҷоратии давлатҳои пешқадам, таҳлили вазъи воқеии татбиқи стратегияи маркетингӣ дар идоракунии бонкҳои тиҷоратии ватанӣ, ошкор ва бартараф намудани мушкилотҳо дар фаъолияти онҳо, муайян намудани самтҳои асосии такмили стратегия маркетингӣ зарурият ва мубрамияти диссертатсияро инъикос мекунад.

Комилова К.Н. дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил намуда, соли 2017 аз рӯйи ихтисоси молия ва қарз ва соли 2021 маълумоти дуюмро аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст.

Соли 2023 ба шуъбаи магистратураи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси идораи давлатӣ доҳил гардида, онро соли 2024 хатм намуда соҳиби дараҷаи магистрӣ "иқтисодчӣ-менеҷер" гардидааст.

Фаъолияти меҳнатиашро аз соли 2011 дар ҶСП "Комбинати шири Душанбе" оғоз намуд, аз соли 2020 то ҳоло дар шуъбаи рушди сайёҳии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар вазифаи сармутахассис фаъолият менамояд.

Комилова К.Н. соли 2020 ба ҳайси унвонҷӯи ба шуъбаи тадқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мувофиқи Фармоиши директори **ИИД АМИТ № 54** аз 04 декабри соли 2020 қабул гардид.

Мавзӯи диссертатсияи Комилова К.Н "Такмили стратегияи маркетингии рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар давраи муосир" ва роҳбарии илмӣ - Шарифзода Б.М., д.и.и., сарходими илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо қарори Шурои олимони аз 27.11.2020, протоколи №11 тасдиқ гардид.

Дар раванди фаъолияти илмӣ, диссертатсияи Комилова К.Н то омода шудани он, чанд маротиба дар ҷаласаҳои шуъбаи тадқиқоти

назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ баррасӣ шудааст.

Кори диссертатсионӣ Комилова К.Н. аз муқаддима, се боб, хулосаҳо ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиети истифодашуда, замимаҳо иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзъебӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, хадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳҳамияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар боби якум "**Асосҳои назариявии ташаккул ва истифодабарии стратегияи маркетингӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ**" заминаҳои назариявии маркетинги бонкӣ ҳамчун унсури низоми идоракунии бонки тиҷоратӣ, ҷанбаҳои методии истифодаи стратегияи маркетингӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва таҷрибаи хориҷии татбиқи стратегияи маркетингӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ таҳқиқ гардидаанд.

Аз тарафи унвонҷуй моҳияти стратегияи маркетингӣ, мақсаду вазифаҳо, принсипҳои ташкилӣ, тадқиқи таҷрибаи ҷаҳонии истифодаи он дар бонкҳои тиҷоратии давлатҳои пешқадам таҳқиқ гардида, маҷмуи хулосаҳои назариявӣ методӣ пешкаш гардида, дар рушди илмӣ маркетинг саҳми босазо гузоштааст.

Дар боби дуюм "**Таҳлил ва арзёбии татбиқи стратегияи маркетингӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар Тоҷикистон**" вазъи муосири бозори хизматрасониҳои бонки, арзёбии раванди ташаккул ва татбиқи стратегияи маркетингӣ дар бонкҳои тиҷоратии ватанӣ ва усулҳои арзёбии талаботҳои муштариён дар раванди татбиқи стратегияи маркетингӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ таҳқиқ шудаанд.

Муайян карда шуд, ки ҳолон, ки ба иқтисодиети миллии Тоҷикистон суръати баланди рушд дар солҳои 2017-2023 хос бошад, вазъи муосири фаъолияти низоми бонкӣ, бо назардошти коҳиши ҳиссаи амонатҳо ва қарзҳо дар ММД (бо %) ташвишовар мебошад. Таҳқиқот нишон дод, ки яке

аз сабабҳои он, ҷой доштавни камбудиҳои ҷиддӣ дар татбиқи стратегияи маркетингӣ дар низоми идоракунии бонкҳои тиҷоратии ватанӣ мебошад, ки монеъаҳои гуногунро дар раванди ҳизматрасонии мизоҷони воқеӣ ва ҷалби мизоҷони эҳтимолӣ эҷод намуда, ба коҳиши иқтидори рақобатпазирии бонкҳо овард. Дар доираи усулҳои муосири таҳлилӣ маҷмуи талаботҳои ҷорӣ ва ояндаи мизоҷон бо истифодаи пурсишнома ва коркарди натиҷаҳои он гузаронида шуда, зарурияти такмили татбиқи стратегияи маркетингӣ дар низоми идоракунии бонкҳои тиҷоратӣ ошкор гардиданд.

Дар боби сеюм “**Самтҳои такмили стратегияи маркетингӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар Тоҷикистон**” пешниҳодҳои илман асосноки унвонҷуй доир ба татбиқи модели фаъолияти ба муштарӣ нигаронидашуда дар бонкҳои тиҷоратӣ, истифодаи технологияҳои муосири маркетинги стратегӣ дар онҳо, самтҳои афзалиятноки такмили стратегияи маркетингӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ асоснок карда шудаанд.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамбаст гардидаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 15 мақолаҳои илмии нашр гардида ва баромадҳои муаллиф дар конфоронсҳои сатҳи гуногун инъикос ефтанд.

Хулоса, диссертатсияи Комилова К.Н. дар мавзуи “Такмили стратегияи маркетингии рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар давраи муосир”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (маркетинг) пешниҳод гардидааст, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295) ва

Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (маркетинг) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои иқтисоди,**
**дотсент** 04.09.25 **Шарифзода Б.М.**

Имзои Шарифзода Б.М., д.и.и., дотсент -ро тасдиқ мекунам:

Нозири шуъбаи кадрҳои
Институти иқтисодиёт
ва демография АМИТ Махсутшоева З.Д.